Тасдиқ мекунам
директори Институти забон ва
адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакии АМИТ
_________ д.и.ф. проф. Шарифзода Ф.
«24» майи соли 2024

**ХУЛОСАИ**
ҷаласаи якҷояи шуъбаи забони тоҷикӣ ва шуъбаи фарҳангнигорӣ
ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ

Ба диссертатсияи доктории Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор», ки дар шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Насимов Нуриддин Исоевич соли 1981 Институти давлатии падагогии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз руйи ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик бо дипломи аъло хатм намудааст. Солҳои 1981-1989 дар мактабҳои миёнаи № 17 ва № 24 ноҳияҳои Восеъ ва Фархор кор кардааст. Аз соли 1989 то соли 1997 дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси омӯзгор фаъолият намуда, соли 1996 диссертатсияи номзадиашро таҳти унвони «Калимасозии феъл дар забони насри Айнӣ» бо роҳбарии доктори илми филология, профессор, узви вобастаи АМИТ Рустамов Шарофиддин дифоъ кардааст. Аз соли 1997 то 2020 дар мақомотҳои мухталифи давлатии соҳаи илм ва маорифи ҷумҳурӣ кор кардааст. Аз соли 2020 то ҳол дар ташкилоти ҷамъиятии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони чаҳон – «Пайванд» фаъолият дорад.

Насимов Нуриддин Исоевич муаллифи беш аз 50 мақолаи илмӣ, 6 монография ва 4 луғат аст.

Муаллифи диссертатсия унвонҷӯйи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ аст. Мушовири илмӣ доктори илми филология, профессор, узви вобастаи АМИТ Назарзода Сайфиддин мебошад.

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи шуъбаи забони тоҷикӣ ва шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ аз 17.05.2024, протоколи № 6 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Диссертатсияи Насимов Н.И. ба мавзуи лингвофолклористикаи Сари Хосор бахшида шуда, аз муқаддима, 4 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Мавзуи мавриди таҳқиқ мубрам буда, унвонҷӯй кӯшиш намудааст, ки ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонии матнҳои фолклории Сари Хосорро аз назари лингвофолклористӣ, ки дар илми тоҷик бори нахуст матраҳ мегардад, мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Забони гуфтугӯӣ ё лаҳҷаи ин ё он маҳал забони табиию воқеӣ буда, забони тарҳрезишудаи расмӣ ва қолабӣ нест. Аз ин рӯ, зимни таҳлили забонии матнҳои фолклорӣ ва диалектизмҳо баъзе хусусиятҳое пайдо ва ошкор мегарданд, ки барои илми забоншиносӣ хеле муҳим аст.

Азбаски фолклор – эҷодиёти халқ на танҳо аз вожагони шевагӣ, балки аз калимаҳои умумихалқӣ низ ташаккул меёбад, фолклоршиносӣ на ин ки ба шевашиносӣ, балки дар маҷмуъ ба забоншиносӣ робитаи зичу ногусастанӣ дорад ва бояд мавриди омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирад.

Аз ин лиҳоз, ба омӯзиши масъалаҳои мазкур лингвофолклористика машғул аст ва илмест, ки забони матнҳои фоклклории инъикоскунанди нутқи гуфтугӯии аслии халқро дар давраи муайян меомӯзад, таҳқиқ мекунад, натиҷагирӣ менамояд ва ҳамзамон муаррифгар ва тарғибгари намунаи фолклори ҳамон диёр ё маҳал мегардад.

**Мақсади асосии таҳқиқот** омӯзишу баррасии масъалаҳои лингвофолклористикаи Сари Хосор мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** амалисозии унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- мавриди пажуҳиш қарор додани масъалаҳои умуминазарӣ дар робита ба забон, фолклор ва лигвофолклористика;
- пешниҳоди назари лингвофолклористӣ ба хусусиятҳои овозии фолклори Сари Хосор;
- таҳқиқи ҳодисаҳои овошиносӣ дар фолклори Сари Хосор;
- ҷанбаҳои вожагонии фолклори Сари Хосор аз нигоҳи лингвофолклористӣ;
- муайян кардани дараҷаи истифодаи диалектизмҳо дар фолклори Сари Хосор;
- баррасӣ ва таснифи диалектизмҳо.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур метавонад ба муҳаққиқон, пажуҳишгарон, мутахассиони соҳаи забоншиносӣ, фолклоршиносӣ, лаҳҷашиносӣ ва дар умум лингвофолклористика, донишмандон, олимон ва ихлосмандони соҳа ва сатҳҳои гуногуни зикрёфта роҳнамо бошад.

Дар диссертатсия бори нахуст масъалаҳои назарии баҳси илми лингвофолклористка аз рӯйи матнҳои фолклории Сари Хосор ба миён гузошта шуда, мавриди пажуҳиш қарор ёфтаанд. Ва ин метавонад барои таҳқиқи маводи фолклорӣ дар забоншиносии тоҷик замина гардад.

Дар асоси натиҷа ва хулосаи таҳқиқи мавзуи мазкур мумкин аст дар муассисаҳои илмӣ ва таълимии ҷумҳурӣ лингвофолклористика ҳамчун фан ва ё ихтисос ба роҳ монда шавад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ.** Натиҷаи диссертатсия метавонад дар муассисаҳои олии таълимию илмӣ зимни машғулиятҳои назариявию амалии фанҳои марбут ба забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ ва лингфолклористика, ҳамчунин курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ доир ба лаҳҷашиносӣ, фразеология ва услубшиносӣ, инчунин

ҳангоми тартиб додани луғатҳо, фарҳангҳои лингвофолклористӣ ва диалектологию фразеологӣ истифода гардад.

Масъалаҳои ироашуда барои мураттаб сохтани барномаҳои таълимӣ ва маҷмуаи таълимию методӣ аз фанҳои лингвофолклористика, вожашиносӣ (лексикология), лаҳҷашиносӣ ва дастурҳои таълимӣ роҷеъ ба лингвофолклористика истифода мегардад.

**Навгонии таҳқиқи** мазкур, пеш аз ҳама, сарогози истифодаи истилоҳи **лингвофолклористика** ва ҳамчун илми мустақил шинохта шудани он дар забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

Баъдан, аз назари масъалаҳои лигвофолклористӣ воҳидҳои забонию фолклорӣ матнҳои фолклории Сари Хосор шуруъ аз овоз то ҷумлаҳо ва матнҳои назмӣ, насрӣ ва драмавӣ бо истифода аз технологияи (фановарии) иттилоотӣ амалан ба ҳисоб гирифта шуданд, ки дар маҷмуъ зиёда аз 50000 варақаи электрониро ташкил доданд.

Масъалаи аз назари лингвофолклористӣ амалан ба роҳ мондани пажуҳиши матнҳои фолклории Сари Хосор дар забоншиносии тоҷик бори аввал буда, навгонӣ ба ҳисоб меравад, ки бо навигариҳои зиёди дигари он метавон дар муҳтавои диссертатсия шинос шуд.

Бахшҳое аз диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ироа шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои пажуҳиш дар 24 мақола, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ФР ба нашр расидааст.

Кори диссертатсионии Насимов Н.И. ба самтҳои афзалиятноки илм иртиботи қавӣ дошта, муаллифи диссертатсия – **Насимов Н.И.** бо ҳимояи таҳқиқоти мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии **доктори илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** арзанда мебошад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи шуъбаи забони тоҷикӣ ва шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рудакии АМИТ аз санаи 17.05.2024 бо протоколы № 6 қабул шудааст. Дар ҷаласа 13 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи

овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, протоколи № 6 аз 17-уми майи соли 2024.

Сарходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, д.и.ф., узви вобастаи АМИТ — Баротзода Ҳасан Султон

Мудири шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рудакии АМИТ, н.и.ф., дотсент — Мирзоев Сайфиддин

Имзоҳои Баротзода Ҳ.С. ва Мирзоев С.-ро тасдиқ мекунам: сардори шуъбаи кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ — Нарзиқулова Ҳилола

Нишонӣ: Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел: 227-29-07, 227-75-50
Почтаи электронӣ ва сомона:
iza. rudaki@gmail.com
www.izar.tj